**ҚАРОРИ**

**ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-004 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

**аз 15 майи соли 2021, № 78 ш. Душанбе**

Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-004 тадқиқоти диссертатсионии Пирназарзода Диловар Маҳмадназар дар мавзӯи «Мукаммалгардонии низоми идоракунии корхонаҳои саноатӣ тибқи стандартҳои байналмилалӣ (дар мисоли корхонаҳои саноатии хурду миёнаи Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.05 - Иқтисодиёт ва идоракунӣ дар хоҷагии халқ (иқтисодиёти саноат) (роҳбари илмӣ – номзади илмҳои иқтисодӣ, Қурбонмуродова Озода Мирзомуродовна), тақризи муассисаи пешбар, тақриз ва баромади муқарризони расмӣ: доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи менеҷмент ва соҳибкории Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шотемур Мадаминов Абдураҳим Асрорович, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, муовини ректор оид ба робитаҳои хориҷии Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат Ҷабборов Фатҳулло Амриевич, баромади аъзои Шӯрои диссертатсионӣ, мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда: профессорон Низомова Туҳфамоҳ Давлатовна, Одинаев Ҳаёт Абдулҳақович, Ғаниев Таваралӣ Бобоевич, Ҷураева Адолат Ориповна, Султонов Зубайдулло Султонович ва Давлатзода Қудрат Камбар - ро шунида, мавриди муҳокима қарор дод. Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-004 дар асоси натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ, хулоса, ки аз ҷониби Шӯро бобати саҳеҳнокӣ, навгонии илмӣ, аҳамият ва натиҷаҳои диссертатсияи Сайфуллозода Сулаймон, инчунин оид ба интишороти ӯ қабул шудааст,

**ҚАРОР МЕКУНАД:**

Диссертатсияи Пирназарзода Диловар Маҳмадназар, дар мавзӯи: «Мукаммалгардонии низоми идоракунии корхонаҳои саноатӣ тибқи стандартҳои байналмилалӣ (дар мисоли корхонаҳои саноатии хурду миёнаи

Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.05 - Иқтисодиёт ва идоракунӣ дар хоҷагии халқ (иқтисодиёти саноат) ба талаботи пешбининамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба диссертатсияҳои номзадӣ, аз ҷумла «Низомномаи намунавӣ оид ба шӯрои диссертатсионӣ» ва «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти №505 тасдиқ шудаанд, ҷавобгӯ мебошад.

1. Интишороти унвонҷӯ пурра мазмуну моҳияти диссертатсияро инъикос менамоянд.

2. Ба Пирназарзода Диловар Маҳмадназар дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ дода шавад.

3. Аз КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост ба ҷо оварда шавад, ки қарори Шӯрои диссертатсиониро ҷонибдорӣ намояд ва Пирназарзода Диловар Маҳмадназарро бо дипломи номзади илмҳои иқтисодӣ сарфароз гардонад.

Кӣ ҷонибдори қарори Шӯрои диссертатсионӣ аст, хоҳиш мекунам овоз диҳед. Муқобил – нест. Бетараф – нест. Якдилона қабул карда шуд.

Иҷозат диҳед унвонҷӯро барои бомуваффақият ҳимоя намудани рисолаи номзадияш табрик намоям ва ба ҳамаи аъзои Шӯро барои ширкати фаъол дар ҳимоя арзи сипос намоям. Бо ҳамин, ҷаласаи Шӯро пӯшида эълон карда мешавад.

**Раиси Шӯрои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои иқтисодӣ,**
**профессор** **Исайнов Ҳ.Р.**

**Котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои иқтисодӣ,**
**дотсент** **Саидмуродова М.А.**

**15 майи соли 2021**